Бахои пешрафт ва Зиндагии шоистаи мардум!

ХАМРОЗИ ХАЛК

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 03 (504),
20 январи
соли 2023

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯИ XIV КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲХДТ ДАР ХАТЛОН

18 январи соли ҷорӣ дар Қасри фарҳанг ва маркази иттилоотии ба номи Аловиддин Абдуллозодаи шаҳри Бохтар Конференсияи XVI Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон доир гардид.

Дар конференсия Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Азизӣ Абдуҷаббор Абдуқаххор, иҷрокунандаи вазифаи раиси вилояти Хатлон, узви Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ Давлаталӣ Саид, фаъолон, собиқадорони ҳизбу меҳнат, аъзои ТҶҶ “Созандагони Ватан” ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок доштанд.

Конференсия бо садо додани Суруди миллӣ ба кори худ шурӯъ намуд.

Дар конференсия 5 масъала- фаъолияти Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон аз моҳи ноябри соли 2020 то моҳи декабри соли 2022, ҳисоботи Комиссияи тафтишотии ҲХДТ дар вилояти Хатлон дар давраи ҳисоботӣ, интихоби ҳайати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, интихоби ҳайати Комиссияи тафтишотии ҲХДТ дар вилояти Хатлон ва интихоби Сармуҳаррири рӯзномаи “Ҳамрози халқ”-и Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Маврид ба зикр аст, ки дар баргузории конференсия 625 нафар вакил аз шаҳру ноҳияҳои вилоят иштирок доштанд.

Сипас, аз рӯи масъалаи якум Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода - раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон вобаста ба фаъолияти дуюнимсо-

(Идома дар саҳ. 2)

БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯИ ... - саҳ. 2

САҲМИ КОЛЛЕҶҲО ДАР ПЕШРАФТИ ... - саҳ. 4

РУШДИ ТУРИЗМ ДАР ХАТЛОН - саҳ. 6



НБО “РОҒУН” БАРОИ ИШҒОЛИ ... - саҳ. 7

(Идома аз саҳ. 1)

лаи Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб баромад карда, ироа кард, ки дар давраи ҳисоботӣ дар вилояти Хатлон механизми муосири ҳавасмандгардонӣ, ҳамчун навоварӣ дар муносибатҳои идоракунӣ - Рейтинги ҳизбӣ ҷорӣ гардидааст, ки аллакай самараи комгор бар бор оварда истодааст. Рейтинги маҳорати идоракунӣ асоси фаъолияти ҳизбиро ташкил дода, дараҷаи кордонӣ ва касбияти роҳбарият ва кормандони кумитаҳои иҷроияро муайян менамояд.

Дар соли 2022 тибқи Рейтинги ҳизбии дар сомона интишоршуда дар се зинаи ифтихорӣ ҷойи аввалро ноҳияи **Ёвон,** ҷойи 2-юм шаҳри **Бохтар** ва ҷойи 3-юмро ноҳияи **Кӯшониён** ишғол намуданд.

Тибқи ин рейтинг ҳамчун ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонӣ гурӯҳи кормандони пешсаф ва фаъоли ҳизбӣ мунтазам ба мавзеъҳои сайёҳӣ сафарбар мегарданд. Дар ин давра дар ҳошияи эълон гардидани «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз 50 то 80 нафар пешсафони ҳизбӣ ҳар семоҳа ба мавзеъҳои сайёҳии шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Норак, Варзоб (Сафед-Дара), Айнӣ (Искандаркул), Дӯстӣ, Н.Хусрав (Чилучорчашма) ба саёҳат баромаданд.

Бояд қайд кард, ки вобаста ба такмили сатҳи донишу ихтисос ва малакаи кормандони ҳизбӣ 1814 семинар-машваратҳо баргузор карда шуданд, ки мутаносибан ду баробар зиёд мебошад. Таъмин будан бо таҷҳизоту дастгоҳҳои компютерӣ имрӯз ба ҳар як субъекти идоракунанда тақозо мегардад. Зеро тамоми фаъолият дар ҷомеа мунтазам рақамӣ гардида, муносибатҳои идоракунӣ низ, дар ҳошияи ташаккули ҳукумати электронӣ таваҷҷуҳи хосса талаб мекунанд.

Мутаассифона, тибқи мушоҳидаҳо ва назорати ҳизбӣ гурӯҳи зиёди ташкилотҳои ибтидоӣ ва дигар субъектҳои идоракунанда аз ин таъминоти техникию технологӣ бархурдор нестанд. Гузашта аз ин, ҳоло ҳам шумори муайяни хизматчиёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба такмили малака ва дониш ҷиҳати истифодаи таҷҳизоти компютерӣ ниёз доранд.

Ҳамчунин Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода иброз дошт, ки дар вилояти Хатлон ба ҳолати якуми январи соли 2023 **аъзои ҳизб 186021 нафар**ро ташкил дода, 49% занон ва 26,5% ҷавонон мебошанд, ки дар таносуб ба ҳамин давраи гузашта 105% зиёд мебошад.

Новобоста аз ин, қарори қабулкардаи ҳизбиёни вилоят ҷиҳати ботадриҷ зиёд кардани сафи ҳизб аз ҳисоби ҷонибдорон, ки аз як тараф талаботи Оинномаи ҳизб буда, аз тарафи дигар ба азми самимии шаҳрвандон асос меёбад, ҳамчун фишанги муназзамсозӣ саривақтӣ буд. Муҳтавои ин қарор – ҳар як корманди ҳизбиро муваззаф гардонид, ки ҳар моҳ 10-12 нафар барои узвият ба ҳизб, аз ҷумла аз ҳисоби кормандони беруниидоравӣ ҷалб намояд.

Аъзокунӣ ба ҳизб бошад, имрӯз на инки нақша, балки имконият ва зарурат буда, барои ҳар як корманди ҳизбӣ хусусияти ҳатмӣ дорад. Аз инҷо бармеояд, ки самти фаъолиятро таҳким бахшида, ҳайати аъзои ҳизбро аз ҳисоби коргарони беруниидоравӣ (аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва хурд, савдогарони бозорҳо ва ғайра) бештар намуда, корро дар байни ин гурӯҳҳо тақвият диҳем. Зеро, дар шароити таҳдидҳои берунӣ маҳз ҳамин гурӯҳҳои аҳолӣ нисбатан осебпазир арзёбӣ мегарданд, мувофиқан ба чорабиниҳои сиёсию идеологӣ бештар ниёз доранд.

Дар ҳудуди вилояти Хатлон ҷиҳати танзими ин таносуб корҳо тақвият бахшида шуда, дар соли 2022 аз ҳисоби гурӯҳи коргарони беруниидоравӣ 2092 нафар ба сафи ҲХДТ қабул карда шуд, аз ҷумла 1883 нафар аз ҳисоби аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 209 нафар аз ҳисоби соҳибкорони инфиродӣ ва хурд шомили ҳизб гардиданд.

Ташкилотҳои ибтидоӣ асоси фаъолияти ҳизбро ташкил дода, фаъолнокии онҳо фаъолнокии ҳизб арзёбӣ мегардад.

Дар ҳудуди вилояти Хатлон дар давраи ҳисоботӣ 2 ҳазору 767 адад ташкилотҳои ибтидоӣ фаъолият мекунанд, ки аз ин 1 ҳазору 474 адад (53,3%) ба ташкилотҳои ибтидоии маҳаллаву деҳот, бо фарогирии 43% аъзо рост меояд.

Бахши тарғиботии фаъолият, ки аз маҷмӯи чорабиниҳои ташкилию оммавӣ таркиб ёфтаанд, мавриди татбиқи ҳамарӯза қарор дорад. Дар давраи ҳисоботӣ дар маҷмуъ 871 ҳазор чорабинӣ бо фарогирии 4,2 миллион нафар, бо назардошти ҷалбгардии такрорӣ доир карда шуданд.

Аз ҷумла, зимни интихоботи парламентӣ – 13,069 вохӯрию мулоқотҳо, бо фарогирии 855 ҳазору 219 нафар, интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 91 ҳазору 915 нафар вохӯрию мулоқотҳо, бо фарогирии 934 ҳазору 338 нафар амалӣ карда шуданд.

Яке аз рукнҳои муҳими давлати соҳибистиқлол ва рамзҳои асосии давлатдорӣ ҳар сол ба Маҷлиси Олии мамлакат ва дар симои он ба тамоми халқи кишвари худ ироа намудани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ сохторҳои ҲХДТ дар вилояти Хатлон ҷиҳати тарғиб ва татбиқи нуктаҳои Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, бо фарогирии 214 ҳазор нафар, зиёда аз 2974 вохӯрӣ амалӣ намуданд. Ин тадбиру иқдомҳо аҳамияти баланди ҳидоятҳои Пешвои миллатро дар самти наздик будан бо халқ амалан собит карда истодааст.

Асоси фаъолияти таблиғу ташвиқотии сохторҳои ҳизбиро маводҳои иттилоотӣ ташкил медиҳанд, ки як мавод дар як вақт якчанд нафарро бо маълумоти саҳеҳ ва дастрас фаро мегирад.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби сохторҳои ҳизбӣ дар доираи фаъолияти худ беш аз **200 ҳазор маводи** гуногуни чопию видеоӣ таҳия ва паҳн гардидаанд, ки дар таносуб ба давраи гузашта хеле зиёд мебошад. Аз ҷумла, 762 лавҳаҳои сариҳоҳӣ, 15000 нусха брошура, 150 ҳазор варақа, 525 наворҳои телевизионӣ ва беш аз 1000 мақолаҳои таҳлилӣ дар нашрияҳои даврӣ таҳия ва интишор (намоиш) гардидаанд.

Сохторҳои ҳизбии вилояти Хатлон дар радифи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таҷлили сазовори 30 ва 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимнан татбиқи босамари ҳадафҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар самти рушди инфрасохтори деҳот ташкили корҳои ободонию созандагӣ 28 ташаббуси ҳизбиро зери унвони «Якҷоя месозем!» ба таври муташаккилона ба роҳ монданд. Боиси зикр аст, ки дар давраи гузашта ин гуна ташаббусҳо ҳамагӣ 5 ададро ташкил медод.

Аз ҷумла, ташаккули низоми функсионалии идоракунӣ, татбиқи Рейтинги ҳизбӣ, рақамикунонии фаъолият, сохтмони биноҳои маъмурии кумитаҳои иҷроия, таъминоти техникӣ ва ташкили сохторҳои ҳизбӣ, таъмиру сохтмони мактабу боғчаҳо, сангфаршкунӣ ва мумфаршкунии роҳҳои байни деҳаҳо, сохтмони пул, обёрикунонӣ, ниҳолшинонӣ, сохтмони марказҳои ҳунармандӣ, утоқи раиси кумитаи маҳалла, азнавсозии иншооти гигиенӣ бо заҳкаши дренажӣ дар манзилҳои истиқоматӣ ва шоҳроҳҳо, тозакунии оромгоҳҳо зери унвони «Рӯзи ёдоварӣ», таъсиси сомона-махзани хизматрасонӣ, ташкили саҳифаҳои иҷтимоии «Кумак ба маъюбон» ва «Ҳунарҳои дастӣ», таҳкими рукнҳои илмию амалии «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» тариқи баргузории конференсияҳои илмӣ, интишори Маҷаллаи илмию таҳлилӣ ва амалии «Мактаби сиёсии Пешвои миллат», интишори мунтазами мавод, вокуниш бар гурӯҳҳои

(Идома дар саҳ. 3)

(Идома аз саҳ. 2)

ифротӣ, ташкили хоҷагиҳои ёрирасон барои кумитаҳои иҷроия, таъсиси Маркази тренингии кормандони ҳизбӣ, таҳкими хизматрасонии волонтёрии ҳизбӣ, татбиқи барномаи «Сарбози ихтиёрӣ», амалиёти муштарак бо сохторҳои маориф бо унвони «Соати сиёсӣ» ва «Мактаби ман!», ташкили гулгашти ҳизбӣ бо интернети ройгон барои ҷавонон ва пешбарии **лоиҳаи Маркази илмию тадқиқотӣ ва омӯзиши «Мактаби сиёсии Пешвои миллат» дастовардҳои ҳизбӣ мебошанд.**

Дастури Пешвои миллат ҷиҳати бо бинои маъмурӣ таъмин намудани кумитаҳои иҷроия аз ҷониби ҳизбиёни вилояти Хатлон амалӣ гардид, то имрӯз дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо барои фаъолияти босамари кумитаҳои иҷроияи ҳизбӣ биноҳои маъмурӣ тариқи ҳашар ва дастаҷамъӣ бо ҷалби маблағгузории аъзои фаъоли ҳизб сохта, ба истифода дода шуданд. Феълан сохтмони бинои Кумитаи иҷроия дар ноҳияи Данғара дар марҳилаи анҷомёбӣ қарор дорад. Қадами дигар, азнавсозии биноҳои маъмурии якошёна ва табдил додани онҳо ба сеошёна ба нақша гирифта шудааст, зеро сафи аъзо ва талабот ба хизматрасониҳои иҷтимоию сиёсӣ зиёд шуда истодааст, ки васеъ намудани фаъолиятро тақозо менамояд.

Чи тавре, ки маълум аст, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон кулли бахшҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта, ҷиҳати расидан ба ҳадафи олӣ – зиндагии шоистаи мардум ва пешрафти Тоҷикистон саъю талош дорад.

Вобаста ба масъалаи дуюми рӯзномаи конференсия Назарзода Бахтиёр раиси Комиссияи ташфтишотии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон дар бораи бурду бохти фаъолият давоми дуюним сол дар назди ҳозирин ҳисобот дод.

Зимнан Азизӣ Абдуҷаббор Абдуқаҳҳор Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар баромади хеш фаъолияти Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлонро дар давоми дуюнимсол қаноатбахш арзёбӣ намуда, таъкид кард, ки чанде пеш Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, ки дар он рафти иҷрои Қарорҳои Анҷумани ҲХДТ ва вазифаҳои ташкилотҳои ҳизбӣ дар марҳилаи минбаъда мушаххас карда шуданд.

Дар суханронии худ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки: “Имрӯз бо қаноатмандӣ гуфта метавонем, ки ҳизби мо ба як неруи тавонои сиёсӣ табдил ёфтааст. Соли 2022 барои мо масъулин, ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, аъзо ва ҷонибдорони ҳизб низ аз марҳилаҳои пешравии камолот ва фаъолияти пурсамар буд. Воқеан соли 2022 барои ҳар як шаҳрванди кишвар хотирмон буд ва рӯйдодҳои соли сипаригашта дар саҳифаҳои таърихи давлатдории навини тоҷикон ҳамчун падидаҳои нотакрор сабт мегарданд”.

Аз ҳисоботи раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон бармеояд, ки дар даврai ҳисоботӣ аз ҷониби ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии вилоят ҷиҳати амалӣ гардидани қарорҳо, дастуру супоришҳои роҳбарияти олии ҳизб корҳои мушаххас анҷом дода шудаанд. Боиси қаноатмандӣ аст, ки як қатор иқдомҳои Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб, аз қабили “Рейтингӣ ҳизбӣ”, “Мактаби сиёсии Пешвои миллат”, “Маркази тренингӣ”, “Рӯзи ёдоварӣ”, “Барномаи сарбози ихтиёрӣ” ва баргузории корҳои ободонию созандагӣ дар миқёси ҷумҳурӣ дастгирии худро ёфта, айни ҳол дар ташкилотҳои ҳизбии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳамчун таҷрибаи пешқадам истифода шуда истодаанд.

Инчунин, Азизӣ Абдуҷаббор Абдуқаҳҳор дар баробари муваффақиятҳои ба дастомада, аз мушкилоту камбудиҳои ҷойдошта ёдоварӣ карда, ҷиҳати бартараф кардани онҳо ва расидан ба муваффақиятҳои бештар ба сохторҳои ҳизбии вилоят дастуру супоришҳо дод.

Сипас, Иҷрокунандаи вазифаи раиси вилоят, узви Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ Давлаталӣ Саид дар назди иштирокдорон баромад карда, зикр намуд, ки дар Паёми имсолаи Президенти мамлакат фарох ва фарогири тамоми ҷанбаҳои ҳаёти кишвар буда, Пешвои миллат дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муддати панҷсоли ахир ба риштаи таҳқиқ ва таҳлил кашиданд ва дар муқоиса бо панҷ соли қаблӣ мушаххасан аз комёбиву пешравиҳо ва ободкорию созандагиҳо воқеияти мушкилотро баён намуданд.

Дар Паёми навбатӣ Сарвари давлат зикр карданд, ки: “Новобаста аз равандҳо ва мушкилоти гуногуни сиёсӣ иқтисодиёти Тоҷикистон рушд карда, сатҳи некуаҳволии мардум баланд гардид.

Бо пазируфта шудани ташаббуси панҷуми Тоҷикистон, яъне эълон гардидани соли 2025 ҳамчун “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” аз ҷониби Маҷмаи умумии Созмони Миллали муттаҳид обрӯ ва нуфузи мамлакати мо дар арсаи ҷаҳонӣ боло рафта, чун мамлакати амн ва ташаббускор шинохта шудааст. Мутмаъинам, ки таҳти сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешрафту шукуфоии Тоҷикистони маҳбубамон бардавому поянда мегардад. Тавре медонем Конфренсияи ҳисоботӣ- интихоботӣ тибқи талаботи Оиннома дар дувнимсол як маротиба баргузор мегардад, аз чорабиниҳои муҳими ташкилии ҳизбӣ ба ҳисоб рафта, самараи фаъолияти ҳам ташкилоти ҳизбӣ ва ҳам аъзои худро инъикос мекунад.

Дар идома Аҳмадҷон Ализода - раиси Шӯрои собиқадорони ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Ғазалшоҳ Сафарзода сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон, Сулаймонова Лола - раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ, Зоирзода Маърифат - раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Балҷувон ва Бадалов Исфандиёр - омӯзгори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ бо маърӯзаҳои худ баромад карданд.

Иштирокчиёни конфренсия аз рӯи масъалаҳои баррасигардида қарорҳои дахлдор қабул карданд.

Дар қисмати интиҳо озмуни вилоятии “Обуна-2023” ба нашрияи ҳизбии “Ҳамрози халқ” ҷамъбаст гардида, Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Темурмалик сазовори ҷойи якум ба маблағи 4 ҳазор сомонӣ, Кумитаи иҷроияи шаҳри Бохтар ҷойи дуюм ба маблағи 3 ҳазору 500 сомонӣ ва Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Шаҳритус ҷойи сеюм ба маблағи 2 ҳазору 500 сомонӣ ва бо Сипосномаҳои Кумитаи иҷроияи вилоятӣ мукофотонида шуданд.

Инчунин, тибқи Рейтинги ҳизбӣ дар се зинаи ифтихорӣ, ки ҷойи аввалро ноҳияи Ёвон, ҷойи 2-юм шаҳри Бохтар ва ҷойи 3-юмро ноҳияи Кушониён ишғол намуданд, бо Сипосномаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон қадрдонӣ гардида, “Ҷоми ҲХДТ” дубора ба тими Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон супорида шуд.

Ҳамчунин, дар ин радиф як қатор фаъолони ҳизб барои саҳмгузорӣ дар татбиқи ҳадафҳои созандаи ҲХДТ бо Сипосномаи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ сарфароз гардонида шуданд.

Шуъбаи иттилоот ва матбуоти КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон

ТАҒЙИРОТИ КАДРӢ

Санаи 18 январи соли ҷорӣ дар Қасри фарҳанг ва маркази иттилоотии ба номи Аловиддин Абдуллозодаи шаҳри Бохтар бо иштироки Муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Азизӣ Абдуҷаббор Абдуқаҳҳор, узви Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ, иҷрокунандаи вазифаи раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, аъзои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ва раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят маҷлиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон баргузор гардид.

Дар маҷлис дар баробари баррасии дигар масъалаҳо, инчунин интихоби раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон гузошта шуда буд. Бо пешниҳод ва дар мувофиқа бо Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Саидзода Ҷамшед Ҳамро раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон интихоб гардид.

Саидзода Ҷамшед Ҳамро санаи 10 апрели соли 1966 дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба дунё омадааст. Соли 1990 Институти политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ)-ро бо ихтисоси муҳандис-бинокор хатм карда, фаъолияти меҳнатии худро аз кафедраи “Технологияи истеҳсолоти сохтмонӣ ва масолеҳи сохтмонӣ”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон оғоз бахшидааст. Аз соли 1993 то соли 1994 ба ҳайси ассис-тенти кафедраи “Технология ва ташкили истеҳсолоти сохтмонӣ”, солҳои 1994-2000-муаллими калони кафедраи “Технологияи истеҳсолоти сохтмонӣ ва масолеҳи сохтмонӣ”, солҳои 2000-2001 ноиби ректор оид ба масъалаҳои тарбиявӣ, солҳои 2001-2004 дотсенти кафедраҳои “Технология ва ташкили истеҳсолоти сохтмонӣ” ва “Истеҳсоли масолеҳҳо, технология ва ташкили сохтмон”-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ фаъолият намудааст. Солҳои 2004-2005 вазифаҳои раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, солҳои 2005-2007 раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе, солҳои 2007-2009 директори Маркази танзими Лоиҳаи обтаъминкунии шаҳри Душанберо ба уҳда дошт. Аз соли 2009 то соли 2010 муовини раиси шаҳри Душанбе, аз соли 2010 то соли 2015 раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе, солҳои 2015-2019 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси Кумита оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот, аз соли 2019 то январи соли 2023 раиси ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон шуда кору фаъолият намудааст. Доктори илмҳои техникӣ, дотсент, оиладор соҳиби 6 фарзанд.

Саидзода Ҷамшед Ҳамро бо мукофотҳои давлатӣ- Ифтихорномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, медали ҷашнии “30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва Ифтихорномаи Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст. Аз соли 1999 аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошад.

САҲМИ КОЛЛЕҶҲО ДАР ПЕШРАФТИ СОҲАИ МАОРИФ

Давоми 31 соли соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар бархе аз шаҳру навоҳии мамлакат бо мақсади фарогирии шумори бештар ҷавонон ба илму донишандӯзӣ ва касбу ҳунарҳои гуногун коллеҷу доншгоҳҳо сохта ба истифода дода шудааст, ки имрӯз дар онҳо ҳазорон нафар наврасону ҷавонон таълиму тарбия гирифта истодаанд.

Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён тайи чанд сол аст, ки дар таъмини соҳаи маорифи ноҳия бо омӯзгорони ҷавон нақши муассир дошта, ҳамасола даҳҳо донишҷӯ ин боргоҳи таълимиро бомуваффақият хатм менамоянд.

Гулнисо Шарипова, муовини директор оид ба корҳои таълимии Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён иброз дошт, ки дар баробари дигар коллеҷҳои вилояти Хатлон ин муассиса ҷиҳати омода намудани мутахассисони соҳа ва кадрҳои соҳибтахассус саҳми муассир дорад.

– Мақому манзалати омӯзгор дар ташаккули фарҳанги ниёгони мо бузург арзёбӣ гардида, муаллим ба ҳайси тарбиятгари инсон, чароғи роҳнамо ба сӯйи фардои дурахшон, таконбахши рушди ҷомеа ва саҳмгузори рушди неруи ақлонӣ дар ҷамъият иззату обрӯ дорад. Имрӯз низ ин гуфтаи бузургони илму хирад пойбарҷо буда, ҳамеша нисбат ба шахси омӯзгор ҳамчун тарбиятгари инсон ва роҳнамои ҷомеа арҷ мегузоранд.

Биноба гуфтаи Гулнисо Шарипова бо фароҳам гардидани шароити хуби таълимӣ ва муҳайё намудани аёниятҳои дарсӣ рӯз аз рӯз теъдоди донишҷӯёни аз дигар шаҳру навоҳии вилоят ба коллеҷи мазкур рӯ ба афзоиш ниҳода истодааст.

Ин муассисаи касбомӯзӣ ҳамчунин барои соҳибмаълумот гардидани ҷавондухтарони но-ҳия имконияти хубе фароҳам оварда, духтарони маҳаллӣ баъди хатми таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ноҳияи зисти худ, ба муассисаҳои олии кишвар дохил шаванд.

Дар ҳоли ҳозир толибимони коллеҷ аз рӯи ихтисосҳои таҳсилоти томактабӣ, таҳси-лоти ибтидоӣ, забону адабиёти тоҷик, забону адабиёти рус, математика, информатика ва техналогия дар шуъбаи рӯзона омӯзиш мегиранд. Дар шуъбаи ғоибона бошад, ба истиснои забони русӣ ва англисӣ дигар ҳамаи ихтисосҳо фаъолият мекунад.

Дар идомаи суҳбат Гулнисо Шарипова иброз дошт, ки дар коллеҷи мазкур бо фарогири 280 нафар дар шуъбаи рӯзона ва дар шуъбаи ғоибона 490 донишҷӯ таҳсили илм менамоянд. Тайи чор соли ахир ба коллеҷ толибилмон тариқи Маркази миллии тестӣ сазоври номи донишҷӯй мегарданд.

Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён аз соли 1995 ҳамчун филиали коллеҷи омӯзгории собиқ шаҳри Қӯрғонтеппа имрӯза Бохтар фаъолият менамуд ва баъдан бо Фармони вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон номи омӯзишгоҳро гирифт. Баъдан соли 2012 ин боргоҳи илму маърифат мақоми коллеҷи омӯзгориро сазовор гашт.

Дар коллеҷи мазкур 8 синфхона барои ду баст пешбинӣ гардидааст, ки донишҷӯёни соли аввал пагоҳирӯзӣ ва дигарон пас аз нифирӯзӣ ба таҳсил фаро гирифта шуда, дар 3 сол соҳиби ихтисос мегарданд.

Бинобар гуфтаи Гулнисо Шарипова норасогии хобгоҳ барои касбомӯзон, ки аз ноҳияҳои дурдаст барои таҳсил ба коллеҷ меоянд аз мушкилиҳои ҳалталаби соҳа маҳсуб меёбад. Бинобар ин, дар ҳоли набудани хобгоҳ ҷавонони аз ноҳияи дурдаст дар ин муассиса таҳсилдошта, маҷбуранд, ки дар манзилҳои истиқоматии назди коллеҷ иҷоранишин гарданд.

-Барои бартараф намудани мушкилоти мазкур дар нақшаи омодагӣ ба ҷашни 35- солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар аст, ки барои донишҷӯён хобгоҳ фароҳам бо шароити мусоид сохта ба истифода дода мешавад. Умедворем, ки бо бунёд гардидани хобгоҳ сафи донишҷӯёни коллеҷ аз дигар шаҳру навоҳии вилоят бештар мегардад.

Тибқи иттилоъ дар Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён 28 омӯзгори соҳибтахассус, 6 номзади илм ва 3 аспирант ба донишҷӯён дарс мегӯянд ва инчунин, дар муассисаи мазкур барҳе аз омӯзгорон тариқи шартнома низ фаъолият доранд.

Гулсара Усмонзода, донишҷӯи бахши дуюми Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён, ки аз рӯи ихтисоси забону адабиёти рус таҳсил дорад, зодаи ҳамин ноҳия мебошад. Ӯ ифтихор аз он дорад, ки дар фазои орому осоиштаи кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистони азиз ба илму касбомӯзӣ фаро гирифта шудааст. Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри соҳибмаърифат гардидани насли наврас дар сартосари кишвар ҳамасола даҳҳо донишгоҳу донишкадаҳо бо шароити хуби таълимӣ сохта ба истифода дода мешаванд. Аз ҷумла, давоми солҳои соҳибистиқлолӣ таҳти сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат мақому мавқеи ҷавонон дар ҷомеа ба маротиб баланд гардида, мо ҷавононро месазад ҷавобан ба ин ҳама ғамхориҳову дастгириҳои Роҳбари давлат бо аз бар кардани илму дониши мукаммал ва касбу ҳунар фарзандони содиқи ин сарзамини аҷдодӣ будани худро собит намоем ва дар пешрафту ободии Ватан саҳми арзанда гузорем, - мегӯяд Гулсара Усмонова.

Аҳлиддини Муборакшоҳ
“Ҳамрози халқ”

РУШДИ ТУРИЗМ ДАР ХАТЛОН

Солҳои охир соҳаи сайёҳӣ дар вилояти Хатлон тадриҷан рушд кардааст. Таҷдиди роҳу хатсайрҳо, сохтани ҳоҷатхонаҳои сариҳоҳию меҳмонхонаҳо дар минтақаҳои туристӣ ва таъсиси ширкатҳои сайёҳӣ аз ҷумлаи имкониятҳои соҳа ба шумор меравад. Вилояти Хатлон дорои даҳҳо ёдгории таърихӣ ва мавзеъҳои сайёҳӣ буда, ҳамасола садҳо сайёҳи дохилию хориҷӣ аз онҳо дидан мекунанд.

Ноҳияҳои Мӯъминободу Ховалинг минтақаҳои ҷолиби туристӣ гуфта мешаванд. Ҷамоати деҳоти “Сари хосор”-и ноҳияи Балҷувон бо табиати зебою назарраболи худ диққати садҳо сайёҳи дохилу хориҷиро ба худ кашидааст.

Дар ҷамоати деҳоти мазкур баландтарин шаршара, ки аз обҳои пиряхҳо ҷорӣ мешавад, як рамзи туризм дар Хатлон шудааст. Баландии шаршара 100 метр буда, обаш ниҳоят сард аст.

Кристиан Блоэр як ҷаҳонгарди конодогӣ, ки 7 соли пеш ба Тоҷикистон, хусусан ба вилояти Хатлон омада буд мегӯяд, ки маконҳое мисли рустоҳои дурдаст, вале зебо дар зеҳнаш ва албоми аксҳояш боқӣ мондааст. Минтақаҳои сайёҳии Хатлон барояш ниҳоят писанд омаданд ва сайрхаташро дигарбора ба Тоҷикистон қарор додааст.

Нони чакдонию шиштан дар суфа ё катҳои худсохтро Кристиан Болоэр дар ҷамоати деҳоти “Сари хосор”-и ноҳияи Балҷувон дид, ки ниҳоят хушаш омад. Таърихи бойю ғанидоштаи минтақаҳои туристӣ ва хӯрокҳои миллии тоҷикӣ дили сайёҳи конодогиро мафтун кардааст, ки мегӯяд баъди бозгашт ба Ватан ба дӯстонаш дар Балҷувон, Ховалинг ва шаҳри Норак низ мавриди зебоӣ ва мавзеъҳои диққатҷалбкунандаи Тоҷикистон нақл хоҳад кард.

“Кӯҳҳои баланду обитоза ва табиати афсункори Сари хосор бароям писанд омад. Аз хурд то бузург салом медиҳанду ба хонаашон таклиф мекунанд. Хӯрокҳои мисли қурутобу оши палав, фатирмаскаву оши бурида ва ширчой ниҳоят бомазза ҳастанд. Ҳамин меҳмонавозии мардумаш буд, ки ду маротиба ба онҷо рафтам. Дигар ҷойҳои таърихии Хатлонро, мисли Аҷинатеппаю Хоҷамашҳад ва Чилдухтарон гаштам ва дидам, ки хеле зебо ва таърихи куҳану пурғановат доранд”,- гуфт К. Блоэр Ҷумҳурии Тоҷикистон 93% кӯҳсор ва 7% -ро водиҳо ташкил медиҳад, ки кӯҳҳои сарбафалаккашида, кӯлу дарёҳо, обҳои муссафо ва табиати нотакрораш диққати сайёҳонро ба худ кашидаааст, ки ҳамасола ҳазорҳо сайёҳон аз ин мавзеъҳо дидан мекунанд. Дар вилояти Хатлон маконҳои таърихии зиёдеро дидан мумкин аст.

Мавзеи ёдгории таърихии Аҷинатеппа мероси фарҳангӣ буда, дар ҷамоати деҳоти Кирови ноҳияи Вахш воқеъ гардидааст. Ба гуфтаи таърихшиносон Аҷинатеппа аз нимаи асри 7 ва ибтидои асри 8 маншаъ мегирад. Аҷинатеппа аз соли 2008 инҷониб дар ҳимояи мероси фарҳангии ЮНЕСКО қарор гирифтааст. Аҷинатеппаи бостонӣ ҳамчун макони сайёҳӣ сабт шудааст ва ҳамасола ҷаҳонгардони зиёд ба онҷо ташриф меоранд.

Давлаталӣ Алимов, доктори илмҳои таърих мегӯяд, ки Аҷинатеппа дар роҳи бузурги Абрешим ҷойгир буда, аввалин маротиба соли 1960 ҳафриёт гузаронида шудааст. Инчунин, соли 1973 аз ҷониби бостоншиносон пурра таҳқиқ гардида, беш аз 1 ҳазору 500 буддои хурд ёфт шудааст. Аҷинатеппа дар Осиёи Марказӣ ягона мавзеи таърихие мебошад, ки пурра ҳафриёт гузаронида шудааст.

Дар натиҷаи кофтукоби бостоншиносон буддоӣ, ки дарозиаш наздики 13 метр аст, бозёфт гардида, ҳоло дар Осорхонаи миллии шаҳри Душанбе ба маърази тамошо гузошта шудааст.

Шоҳзода Дилшод Муҳибулло, мудири шуъбаи рушди сайёҳии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон мегӯяд, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияи Балҷувон ҳамчун ноҳияи туристӣ қабул гардидааст. Ноҳияҳои Шамсиддин Шоҳин, Ховалинг ва шаҳри Норак низ минтақаҳои хуби туристӣ гуфта мешаванд, ки ҳамасола аз ин ноҳияҳо садҳо ҷаҳонгарди дохилию хориҷӣ дидан мекунанд.

Солҳои охир соҳаи сайёҳӣ дар вилояти Хатлон рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст. Феълан дар вилоят 18 ширкати сайёҳӣ фаъолият дорад. Барои пайдо кардани мавъзеҳо ва ҷойҳои таърихӣ барои ҷаҳонгардон бо се забон, тоҷикию русӣ ва англисӣ варақаҳои иттилоотӣ ва барашураҳо омода шудааст.

Ба гуфтаи Шоҳзода Дилшод Муҳибулло дар вилояти Хатлон 931 адад ёдгорӣ ва мавзеъҳои таърихӣ-фарҳангӣ аст, ки ҳар яки онҳо таърихи пурғановати мардуми Хатлонзаминро собит месозанд. Ҷиҳати муаррифии имкониятҳои сайёҳии вилояти Хатлон барои сайёҳон дар гузаргоҳҳои сарҳадии “Панҷи поён”-и ноҳияи Ҷайҳун, «Айвоҷ»-и ноҳияи Шаҳритус, фурудгоҳи байналмилалии шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб ва дар қисме аз шаҳру навоҳии вилоят дар умум 27 нуқтаи иттилоотии сайёҳӣ таъсис дода шудааст.

“Дар вилояти Хатлон 112 меҳмонхона, 134 истироҳатгоҳу осоишгоҳҳо, 43 осорхона, 18 ширкати сайёҳӣ, 306 бонкамати хизматрасониҳои бонкӣ, 61 адад ҳомстей ва гестхаустҳо, 88 мағозаи фурӯши армуғонҳо 115 зиёратгоҳ, 88 адад ишораҳои сариҳоҳӣ ва 27 маркази иттилоотии сайёҳӣ мавҷуд аст, ки ҳамарӯза ба сайёҳон хизмат мерасонанд. Инчунин, 214 адад ҳоҷатхонаҳои сариҳоҳӣ сохта ба истифода дода шудааст.”

Тибқи иттилои Шуъбаи рушди сайёҳии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар соли 2022, 462 ҳазору 503 нафар сайёҳони дохилию хориҷӣ ба минтақаҳои туристии вилояти Хатлон ташриф овардаанд, ки аз ин шумор 17 ҳазору 246 нафарашонро сайёҳони хориҷӣ ташкил медиҳад.

Амонҷон МУҲИДДИНОВ,
“Ҳамрози халқ”

Вазъи ҳаво дар вилояти Хатлон барои ҳафт рӯз

Дурустии миёнаи пешгӯиҳои ҳаво 80-85% аст.

Сарчашма: www.gismeteo.ru

20 ЯНВАР	21 ЯНВАР	22 ЯНВАР	23 ЯНВАР	24 ЯНВАР	25 ЯНВАР	26 ЯНВАР
-02° +01°	-01° +01°	-04° -02°	-04° -01°	-03° +01°	-05° +01°	-03° +02°

Эзоҳ: Маълумот мутобиқ ба маркази вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар манзур шудааст. Фарқият дар ҷанубу ғарби вилоят (водиҳои Айвоҷ) 7-12 ва дар ҷанубу шарқи он (водиҳои Муъминобод) 10-14 дараҷа нисбат ба иттилои мазкурро ташкил медиҳад.

ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ НБО “РОҒУН” БАРОИ ИШҒОЛИ ҶОЙҲОИ КОРИИ ХОЛИИ ЗЕРИН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД

НЕРУГОҲИ БАРҚИ ОБИИ “РОҒУН” БА ЧУНИН МУТАХАССИСОН ЭҲТИЁҶ ДОРАД:

ҶДММ “НЕКЗОД”

-коргари оддӣ - 20 нафар, 800 с + КТУ
-барқчӣ - 2 нафар, 900 с + КТУ
-кафшергари барқӣ - 4 нафар, 900 с + КТУ
Телефонҳо барои тамос : 989-99-70-16, 93-560-08-01.

ҶСК “НБО РОҒУН”

р/т	Номгӯи касб, ихтисос	Теъдод	Музди меҳнати моҳона	Хӯрока ва либоси махсус	Ҷойи хоб
1	Тарҷумони забони англисӣ-тоҷикӣ, англисӣ-русӣ	2	4140	аз ҳисоби корфармо	аз ҳисоби корфармо

Телефонҳо барои тамос: 989-99-00-33, 989-99-00-30

ҶДММ “САМАНД СОХТМОН”

-пармагар дараҷаи 4 - 2 нафар
-муҳандис –механик - 1 нафар
-сементкор дараҷаи 4 - 2 нафар
Телефонҳо барои тамос: 989-99-16-33

ҶДММ “ЭЛИТСТРОЙ”

р/т	Номгӯи вазифаҳо	Шумораи воҳиди корӣ	Музди миёнаи моҳона (сомонӣ)	Реҷаи вахтавӣ 15 рӯз, басти рӯзона	Реҷаи вахтавӣ 15 рӯз, басти шабона
1	Ронандаи мошини боркаши худфарор (самосвал)	10	2500	аз соати 7-00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00
2	Ронандаи борбардор (погрузчик)	2	2500	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00
3	Идоракунандаи экскаватор	2	3000	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00
4	Кафшергари барқӣ	4	2500	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00

Телефон барои тамос: 989-99-36-39

ҶСФ “СОХТМОНИ АСОСӢ”-И ҶСК “НБО РОҒУН”

р/т	Номгӯи вазифаҳо	Шумораи воҳиди корӣ	Музди миёнаи моҳона (сомонӣ)	Реҷаи корӣ вахтавӣ (15 рӯз дар як моҳ)	
				Басти рӯзона	Басти шабона
1	Ронандаи мошини бетонкаш	5	2000-3000	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00
2	Ронандаи мошини одамкаш	10	2000-3500	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00
3	Ронандаи мошини боркаши худфарор (самосвал)	8	2000-3000	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00
4	Идоракунандаи экскаватор	6	2000-3500	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00
5	Идоракунандаи автопогрузчик	6	2000-3000	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00
6	Идоракунандаи дастгоҳи пармагарӣ (бумер)	4	2000-4000	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00
7	Васлгар дараҷаи 2-6	10	2000-3000	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00
8	Кафшергар дараҷаи 2-6	10	2000-3000	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00
9	Барқчии автомобил дараҷаи 2-6	4	2000-2500	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00
10	Таъмиргари муҳаррики автомобил дараҷаи 2-6	4	2000-2500	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00

Телефонҳо барои тамос: 989-99-07-33, 989-99-08-22.

ФҶСП “ТУНЕЛ САДДИ ОРИЁНО”

р/т	Номгӯи вазифаҳо	Шумораи воҳиди корӣ	Музди миёнаи моҳона (сомонӣ)	Реҷаи вахтавӣ 15 рӯз басти рӯзона
1	Коргари оддӣ	300	2950-4050	15-рӯз
2	Ронанда	20	2750-3600	20-рӯз
3	Кафшергар	10	2950-4050	15-рӯз
4	Механик	10	3100-4200	15-рӯз
5	Сементатор	20	2950-4050	15-рӯз

Телефонҳо барои тамос: 989-99-14-53, 989-99-14-09

ҶСП “ЗАВОДИ ТАҶРИБАВӢ-МЕХАНИКӢ”-И ШАҲРИ НОРАК

идоракунандаи кран - 4 нафар
-кафшергари дараҷаи 3 - 5 нафар
-кафшергари дараҷаи 4 - 5 нафар
-кафшергари дараҷаи 5 - 10 нафар
-кафшергари дараҷаи 6 - 10 нафар
Телефонҳо барои тамос: 989-99-26-99

ҶСК “ТОҶИКСГЭМ”

-муҳандиси ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ - 2 нафар
-муҳандис сохтмончӣ - 2 нафар
-пармагар - 10 нафар
-арматурбанд - 30 нафар
-бетонрез - 30 нафар
-васлгари дараҷаи 4-5 -30 нафар
-кафшергари барқию газӣ дараҷаи 5-6 -20 нафар
-васлгари барқӣ - 4 нафар
Телефонҳо барои тамос: 989-99-22-27, 918-18-00-99

ҶСК “ТОҶИКГИДРОМОНТАЖ”

Р/т	Номгӯи вазифаҳо	Шумораи воҳиди корӣ	Музди миёнаи моҳона (сомонӣ)	Реҷаи корӣ вахтавӣ (15 рӯз дар як моҳ)	
				Басти рӯзона	Басти шабона
1	Пармагар	5	2430-2655	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00
2	Ронандаи мошини боркаш	40	3100-3300	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00

(Идома аз саҳ. 6)

(Идома дар саҳ. 7)

3	Идоракунандаи экскаватор	5	3600-4255	аз соати 7:00 то 19:00	аз соати 19:00 то 7:00

Телефонҳо барои тамос: 989-99-45-12

ҶДММ “ИНВЕНТОР”

р/т	Номгӯи вазифа	шумора	Рӯзи корӣ	Музди маоши миёнаи моҳона
1	Пармагар д.4	10	15	2500-2700
2	Сементатор	5	15	3000
3	Арматурбанд	10	15	2500-2700
4	Ронандаи экскватор	2	15	3000
5	Ронандаи болобардор (АГП)	2	15	2700-2900

Телефон барои тамос: 989-99-36-66

ҶСК “ТОҶИКГИДРОЭЛЕКТРОМОНТАЖ”

р/т	Номгӯи касӣ, ихтисос	Теъдод
1	Ронандаи автомобили боркаш	211
2	Челонгар барқчии автомобил	6
3	Мошинкори булдозер	9
4	Мошинкори автогрейдер	8
5	Мошинкори мошини шиббазанӣ	9
6	Мошинкори мошини авто-гидравликӣ	5
7	Мошинкори автокран 25т	2
8	Мошинкори мошини борбардор	13
9	Мошинкори крани манипулятор	4
10	Мошинкори мошини торкрети	10
11	Оператори насоси сементатсионӣ	8
12	Оператори автобетоннасос	7
13	Оператори бетоннасоси статсионарӣ	5
14	Мошинкори экскаватор	20
15	Мошинкори мошини пармагарӣ	20
16	Ёрдамчии мошинкори мошини пармагарӣ	8
17	Мошинкори компрессор	19
18	Челонгари тармими автомобил ва механизмҳо	89
19	Муҳандиси -электроника	5
20	Аккамуляторчӣ	3
21	Муҳандиси (системаи гидравликӣ)	7
22	Муҳандиси (насоси ғизодиҳанда)	1
23	Кафшергари барқӣ	60
24	Кафшергари барқию газӣ	60
25	Тунукасоз	6
26	Харрот	5
27	Рандагар	3
28	Усто, муҳандис-сохтмончӣ	8
29	Устои куҳи коркарди корҳои зеризаминӣ	8
30	Арматурбанд	50
31	Васлгар	50
32	Нақбкан	20
33	Коргар	180
	Шумораи умумӣ:	**919**

Телефонҳо барои тамос : 989-99-21-95, 989-99-28-22

НОМГӮИ ҲУҶҶАТҲОИ ЗАРУРӢ БАРОИ ҚАБУЛ ШУДАН БА КОР:

1. Дафтарчаи меҳнатӣ
2. Нусхаи шиноснома (паспорт) -4 д
3. Маълумотномаи ҷойи истиқомат
4. Маълумотномаи ҳайати оила
5. Маълумотномаи тиббӣ
6. Нусхаи билети ҳарбӣ
7. Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маълумот
8. Сурат 3х4 (6 дона)
9. ИНН
10. СИН
11. Парванда (скорошиватель)
12. Изи даст
13. Маълумотнома аз ВКД оиди доғи судӣ
14. Хислатнома аз раиси маҳалла бо муҳр

МАЪЛУМОТНОМА
ДАР БОРАИ ШАРОИТИ ИҶТИМОИИ КОРГАРОН

1. Кормандон дар вахтаи кориашон бо ҷойи хоб, ҳаммом бо оби гарм таъмин карда мешаванд.

2. Либоси тобистона дар шаш моҳ як маротиба аз ҳисоби корфармо дода мешавад.

3. Либоси зимистона дар ду сол як маротиба аз ҳисоби корфармо дода мешавад.

4. Пойафзол дар як сол як маротиба аз ҳисоби корфармо дода мешавад.

5. Дастпӯшак дар як вахтаи корӣ ду маротиба аз ҳисоби корфармо дода мешавад.

6. Хароҷотҳои вахтавӣ чунин пардохт карда мешавад, аз ҷумла:

-дар ҳар рӯзи корӣ 30 сомонӣ барои хӯрок;

-роҳкиро вобаста ба ҷойи истиқомат;

-ҷубронпулии як рӯз дар роҳ будан (музди меҳнати якрӯза).

Муаллима дар дарс барои хонандагонаш чунин нақлеро оғоз кард:

«Як зану шавҳаре ба саёҳати баҳр баромаданд. Аммо дар вақти саёҳат киштӣ аз шиддати баланди зиёди об ба садама дучор мешаваду ҳангоми онҳоро аз об наҷот додан танҳо як ҷой барои наҷотдодагон боқӣ монда буду халос. Шавҳар худашро ба ин қаиқи наҷотдиҳанда расониду бо чашмони ашкбор ба ҳамсараш даст фишонд. Ҳамсараш миёни баҳр ғарқ шуда истода чизе гуфту якбора ба қаъри об фурӯ рафт».

Муаллима ин лаҳза ҳикояашро қатъ карда аз хонандагон пурсид:

-Шумо чи фикр доред, хонандагони азиз? Ин лаҳза зани дами марг қарордошта ба шавҳараш чӣ гуфтан мехост?

Ғайр аз як нафар хонанда боқимондаҳо гуфтанд, ки зан дод зада гуфтан мехост, ки ман туро чашми дидан надорам, ки маро дар байни маргу зиндагӣ танҳо монда худатро наҷот додӣ.

Муаллима аз ҷавоби онҳо қаноатманд нашуда аз он хонанда пурсид:

-Ту чӣ фикр дорӣ? Ин лаҳза зан чӣ гуфтан мехост?

-Ман фикр дорам, ки ин лаҳза зан аз шавҳараш хоҳиш кард, ки фарзандамонро парастorӣ кун.

-Ту чӣ ин муҳтавои ин ҳикояро аллакай медонӣ?

-Не намедонам. Аммо модари ман вақти маргаш дар бистари беморӣ ба падарам гуфт, ки писарамонро ба амонати ту месупорам. Ва ҳардуи шуморо ба ҳифзи Аллоҳ месупорам.

Муаллима ин лаҳза қариб бо овози баланд гиря кунад. Ашки чашмонашро пок карду гуфт:

-Бале ин лаҳза зан гуфт, ки духтарамонро эҳтиёт кун.

Мард ба хона баргашту духтарчаашро парастorӣ карда дигар зан нагирифт. Солҳо гузаштанду духтарак ба воя расид. Баъди марги падар духтарак рӯзе аз байни ҷевони китобҳо дафтари хотироти ӯро пайдо кард ва аз саҳифаҳои зардшудаи он ин суханони дарднок падарро хонд:

«Ҳамсари азизи ман бемории саратон дошт. Ба ин хотир мо ба саёҳати баҳр баромада будем.Умраш хеле кам боқӣ монда буд. Худоё, чӣ қадар дарднок буд он лаҳза ӯро танҳо мондану зистан. Мехостам бо ӯ ин лаҳза бимирам. Аммо хотири ягона ҷигарбандамон ман бояд ба қаиқ худамро мерасондам , то ӯро тарбия карда тавонам.»

Хонандаҳои синф лаҳзае аз ин ҳикояи нақлкардаи муаллима муассир гашта, ба худ як ҳикмати зиндагиро кашф карданд.

Аз саҳифаи фейсбукии “Дӯстон”

БИЁ БИХАНДЕМ!



Аз байтор пурсиданд:

- Агар саги девона одами маст-ро газад, чӣ бояд кард?

-Бо сӯзани калон сад бор дору бояд сих кард.

-Ба одами майхора?

- Не, ба ҳайвони бечора.

*****

- Ҷӯраҷон, дар пешат ин қадар китоб чӣ кор мекунӣ?

- Китоб менависам.

- Магар аз ин китобҳо истифода мебарӣ?

- Ҳа, аз ҳамааш як ҷумла, як ҷумла кӯчонам, як китоб тайёр мешавад.

*****

Аз бачаи хурдсоле пурсиданд, ки ҳар вақт дари яхдонро боз мекуни чӣ мехӯрӣ?

Гуфт: як шаппотӣ аз модарам.

*****

Қорӣ-ишкамба рӯзе ба ҳавлӣ даромада занашро дар тараддуди партофтани хокистари оташдон мебинад. "Исто канӣ" гуфта, ҳароратсанҷро ба хокистари табақ мехалонад. Чун мебинад, ки ҳанӯз гармӣ дорад, - "қафо гардон, ҳоло истифода бурдан мумкин" - гуфта ҷангҷол мебардорад.

*****

Афандӣ хонаи як донишҷӯ дуздӣ медарояд. Тамоми хонаро тагурӯ мекунаду ҳеҷчиз намеёбад. Дар болои миз 100 сомонӣ мегузораду дар қоғазчае менависад:- "дигар инхел зиндагӣ накун."

Аз саҳифаи фейбукии "Дӯстон"

Ҷавоби сканворди ҳафтаномаи №2

		М	А	О	Р	И	Ф			К	И	Т	О	Б	Х	О	Н	А	
Х					О		А	С	Т	А		А		ӯ					Н
А				А	М	И	Р	И		М	И	Л	Т	И	қ				А
Р					А		Д	А	Р	Ё		Х			А				ҳ
Г		В		И	Н	Ъ	О	М		Б	Р	А	Т	И	С	Л	А	В	А
У	Б	А	Й	Д									А		А		Д		Н
Ш		Ф		Р	Т	Р							Г	А	М	Б	У	Р	Г
	Б	О	Б	О		У							И			И		И	
	А		Е	К	У	Т							Л	И	М	О	Н	А	Д
Х	Р	О	М			Б								В			ӯ		И
	О		А	Г	Р	А							В	А	З	Е	Л	И	Н
П	И	Ё	З		Е									Н	А	В		Н	
А			А	ҷ	А	Б									Н	А	У	К	А
Л				А	Л	И	Т	У	С			А							В
А				Л		Р			И	Т	А	Р							В
Н				О		М	А	Н	Т	У		Ч							А
Г		Б	О	Л	З	А	Н		И	С	К	А	Н	Д	А	Р	К	ӯ	Л

СКАНВОРД

ТАВАҶҶУҲ! ҒОЛИБРО ТУҲФА ИНТИЗОР АСТ!

Ҳар нафаре, ки аввалин шуда сканвордро дуруст пур карда, ба суроғаи дар поён дарҷшуда ё тариқи почтаи электронии info@hkhdtkhatlon.tj расонад, соҳиби туҳфа мешавад. Шахси ғолиб дар саҳифаи фейсбукии ҳафтаномаи "ҲАМРОЗИ ХАЛҚ" низ муаррифӣ мегардад.

Аммо ба ҳар нафар имконияти дар як моҳ як маротиба иштирок дар озмун дода мешавад.



Ҳамрози халқ

Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

Аз соли 2003 нашр мешавад. Таҳти рақами 627 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Бозорова**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид,** И.в. раиси вилояти Хатлон, **Фирӯза Шарифӣ**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов, Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода Аҳлиддини Муборакшоҳ** рӯзноманигор**, Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **www.hkhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hkhdtkhatlon.tj**

Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Шарқи озод» бо теъдоди **21300** нусха нашр шуд.